ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шарипов Рустам Миралиевич дар мавзӯи: «Нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ пешниҳод гардидааст.

Мубрамият

Чорводорӣ дар Тоҷикистон ҳамчун соҳаи муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ нақши муассир дошта, истеҳсоли гӯшт ва ширро таъмин мекунад. Сироятҳои зоонозӣ, аз қабили брутселлёз, салмонеллёз ва сирояти коккҳо боиси талафоти зиёд ва хавфи сироятёбӣ дар байни аҳолӣ мегарданд.

Тавсифи умумии кор:

Тадқиқот ба омӯзиши нақши брутселлаҳо, салмонеллаҳо ва коккҳо дар паҳншавии бемориҳои сироятии чорво дар Тоҷикистон бахшида шудааст. Кор таҳлилҳои микробиологӣ, серологӣ ва клиникиро дар бар гирифта, инчунин тарҳрезии доруи гиёҳиро барои табобати илтиҳоби ғадудҳои ширии сина пешниҳод менамояд.

Дар рисола хусусиятҳои сироятҳои брутселлёз, салмонеллёз ва сироятҳои стафилококкӣ ва стрептококкӣ таҳлил шуда, усулҳои ташхис баррасӣ гардида, масъалаҳои микробиологии афзоиши микроорганизмҳо дар шир таҳлил карда шудааст.

Дараҷаи эътимоднокӣ:

Маълумот ва натиҷаҳои кори пешниҳодшуда бо миқдори кофии маводи оморӣ ва истифодаи усулҳои муосири ташхис, аз ҷумла усули аксуламали занҷираи полимеразӣ ва реаксияи ҳалқавӣ, тасдиқ гардидаанд.

Алоқамандӣ бо барномаҳои илмӣ:

Тадқиқот бо барномаҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон мувофиқат намуда, бо лоиҳаҳои давлатӣ ва фонди президентии таҳқиқоти бунёдӣ ҳамоҳанг шудааст.

Навоварӣ ва аҳамияти назариявӣ:

Дар шароити Тоҷикистон хусусиятҳои клиникии бемориҳои мазкур омӯхта шуда, бори аввал дар ҷумҳурӣ такмили усулҳои нави ташхис ба роҳ монда шудаанд. Ихтирои доруи гиёҳӣ, ки бо патенти ҷумҳурӣ тасдиқ гардидааст, навгонии дигари таҳқиқоти илмии мазкур мебошад.

Аҳамияти амалӣ: Натиҷаҳо барои беҳтар кардани назорати сифати маҳсулоти ширӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ аҳамияти амалӣ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи ветеринарӣ истифода шуда, дастурҳо ва

тавсияҳои муфид барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои зоонозӣ таҳия гардидааст. Натиҷаҳо барои беҳтар кардани назорати сифати маҳсулоти ширӣ ва пешгирии бемориҳои сироятӣ аҳамияти амалӣ доранд.

Хулоса: Тадқиқот пурра, амиқ ва барои рушди соҳаи микробиология ва эпизоотологияи ветеринарӣ аҳамияти калон дорад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ мебошад.

Мудири кафедраи тибби байтории Донишгоҳи
Давлатии Данғара, н.и.в., и.в. дотсент Шарипов М.А.
02.10.с2025

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара,
Кучаи Марказӣ, 25
Tel./Fax.: (992) 935312146
E-Mail.: mahmad1957@bk.ru

Имзои Шарипов М.А. - ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н. Данғара,
Кучаи Марказӣ, 25
Tel./Fax.: (992-83312) 22806
E-Mail.: dddangara_2013@mail.ru
02.10.с2025